«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода, профессор
Гулназарзода Ж. Б. ________________
«__11__»________________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи **Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ** дар мавзуи **«Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи илмӣ.** Диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» мутобиқат менамояд.

Дар илми забоншиносии тоҷик то ҳол оид ба самтҳои гуногуни он пажуҳишҳои гуногуне ба анҷом расонида шудааст, ки чунин ковишҳо ба ошкор кардани риштаҳои мухталифи забон рабт дорад. Бояд қайд намуд, ки боз як қатор масъалаҳои муҳимми омӯхтанашудае мебошанд, ки ба онҳо аз ҷониби аҳли таҳқиқ камтар диққат дода шудааст. Масалан, ба муносибати забони осори Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои имрӯзаи тоҷикӣ ба истиснои қайду ишораҳои алоҳидаи муҳаққиқон то ҳол таваҷҷуҳи амиқ сурат нагирифта буд. Аз ин рӯ, мо метавонем рисолаи диссертатсионии Сафарзода Муллоохун Бурҳонро таҳти унвони «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» дар забоншиносии тоҷик иқдоми муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ намоем.

Замони истиқлол барои таҷдиди арзишҳои миллӣ ва махсусан, инъикоси асолати бисёрсолаи забон имконоти бесобиқаеро фароҳам овард, ки дар заминаи он илми забоншиносии тоҷик ба дастовардҳои бемисли илмӣ ноил гардид. Дар ин росто, таҳқиқи муқоисавии аносири луғавии сарчашмаҳои гуногунжанри куҳан бо гӯйишҳои ҳозира яке аз самтҳои назаррас ва қобили қабул муаррифӣ мешавад, ки дар диссертатсия мавриди тақриз хеле хуб баррасӣ шудааст.

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки мавриди баррасӣ қарор додани забони сарчашмаҳои адабӣ ва муносибати онҳо бо гӯйишҳои муосир аз

аҳаммият холӣ нест, зеро вожаҳои дар гӯйишҳо пойдормонда барои инъикоси сайри таърихии калимоти дар чунин осор дучороянда ва мустаҳкам гардидани пояҳои забони тоҷикӣ нақши шоиста доранд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ, ки таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии калимаҳои дар «Нафаҳот-ул-унс» мустаъмал бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикиро фаро мегирад, пажуҳиши муфид ва арзишманде дар забоншиносии тоҷик маҳсуб мегардад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки перомуни муносибати забони асарҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ таҳқиқи алоҳидае дар шакли рисолаи илмӣ сурат нагирифтааст. Аз ин нигоҳ, докторант кӯшиш намудааст вижагиҳои маҳфузмонии як даста вожагони аслию иқтибосии дар «Нафаҳот-ул-унс» бакоррафтаро бо гӯйишҳои ҳозираи тоҷикӣ дар мисоли лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои мардуми ҷануби Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ баррасӣ намояд ва ҳамзамон, дар омӯзиши андешаҳои донишмандони соҳа, омӯхтани вижагиҳои луғавию маъноии маводи фактологӣ ва таснифи онҳо, муқоисаи маъноии калимаҳо, дараҷаи корбурди аносири луғавии баррасишаванда дар тазкираи Абдурраҳмони Ҷомӣ ва пешиниёни ӯ то андозае саҳмгузор бошад. Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** ва дурустии натиҷаҳои гирифташуда диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар он аст, ки ҳарчанд дар забоншиносӣ ҷиҳатҳои гуногуни забони осори Абдурраҳмони Ҷомӣ омӯхта шуда бошад ҳам, аммо нахустин маротиба дар забоншиносии тоҷик масъалаи таносуби забони осори ин чеҳраи намоёнтарини адабиёти садаи XV бо гӯйишҳои имрӯзаи тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносӣ муносибати забони «Нафаҳот-ул-унс» бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ мавриди муқоиса қарор гирифта, хусусиятҳои боқимонии аносири луғавии тазкираи мазкур нишон дода шудааст. Бардоштҳои кори диссертатсиониро метавон барои таҳияю тадвини фарҳангномаҳои тафсирӣ, луғатномаҳои гӯйишии таърихӣ ва такмили пажуҳишҳои илмии марбут ба робитаи забони асарҳои манзуму мансури тоҷикӣ бо гӯйишҳои ҳозира корбаст намуд. Инчунин, барои пурра гардидани корҳои илмии ба хусусиятҳои забонии осори манзуму мансури Абдурраҳмони Ҷомӣ бахшидашуда ҳам кумак мерасонад. Рисолаи мавриди тақриз дар он ифода мегардад, ки маводди аз таҳқиқи масъалаи мазкур бадастомадаро метавон ҳангоми тадриси курс ва семинарҳои махсуси вобаста ба «Лаҳҷашиносии таърихӣ», «Таърихи забони тоҷикӣ» ва фанҳои интихобии

вожаҳои куҳанбунёди гӯйишҳои кунунии тоҷикӣ корбаст намуд. Ҳамзамон, нуктаҳои муҳимми дар диссертатсия дарҷгардидаро метавон аснои таълифи китобҳои дарсию дастурҳои методии марбут ба лаҳҷашиносӣ истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурусти ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои кори диссертатсионии мавриди тақриз аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, пеш аз ҳама дар асоси таҳлилҳои амиқ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидани муаллифи рисола зоҳир мегардад. Инчунин, ҳаҷми мувофиқи маводди фактологӣ ва коркарди натоиҷи пажуҳиш эътимоднокии кори диссертатсиониро ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо барномаҳои илмӣ иртиботи ногусастанӣ дошта, дар ҳар фаслу зерфасл ва дигар бахшҳои он баррасиҳои илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба мушоҳида мерасанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**и ин қазия дар он аст, ки маротибаи якум ба таври амиқ аз нигоҳи лаҳҷашиносии таърихӣ тазкираи Абдурраҳмони Ҷомиро ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси маводди фактологии аз «Нафаҳот-ул-унс» бадастовардааш вижагиҳои пойдормонии калимаҳои эрониаслу иқтибосии асари мазкурро дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ нишон додааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ баён гардидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба нашр расидаанд.

Диссертатсия дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ба анҷом расида, муаллиф вазифаҳои дар пеш гузоштаашро, пурра иҷро намудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, фаслҳову зерфаслҳо, хулоса, феҳристи асарҳои таҳқиқӣ ва мақолоти интишорнамудаи муаллиф иборат буда, 169 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии кори илмӣ муайян карда шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия **«Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба исму сифати «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Диссертант дар фасли аввали боби якум – «Матолиби муқаддамотӣ», мухтасар дар бораи таснифоти

шеваҳои забони тоҷикӣ, аҳаммияти ба таври муқоисавӣ-таърихӣ омӯзиши манобеи куҳани тоҷикӣ ибрози андеша намудааст. Ба таъкиди диссертант, сарчашмаи муҳими забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ва гӯйишҳои он забони адабиёти классикӣ ба шумор рафта, муносибати забони осори сарчашмаҳои куҳан бо гӯйишҳои ҳозира хеле қавӣ аст. Дар ду фасли баъдии боби якум калимаҳои аслии аз тазкираи мавриди таҳқиқ бадастомада ба ҳиссаҳои нутқ тасниф гардида, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки бад-ин тартиб аст: фасли дуюм – «Аносири луғавии мансуб ба исм» (*тирез, залла, машк, ташт, бора, ғирев, эзор, каманд, тангӣ, даст, бозоргон, охур, пойтоба, пушта, болин, ахгар ва ғайра*), фасли сеюм – «Аносири луғавии мансуб ба сифат» (*батар/бадтар, пок, сахт, борик*) бахшида шудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Вижагиҳои вожаҳои аслии мансуб ба ҷонишин, феъл ва зарфи «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»** ном дошта, дар он аз бобати вижагиҳои пойдормонии калимаҳои мансуб ба ҷонишин, феъл ва зарфи асари мавриди таҳқиқ дар гӯйишҳои ҳозираи тоҷикӣ сухан рафта, аз се фаслу як зерфасл иборат мебошад. Фасли аввали боби дуюм «Матолиби муқаддамотӣ» унвон дошта, дар он андешаҳои аҳли таҳқиқ доир ба ҳифозати вожаҳои куҳанбунёд ва вижагиҳои забони осори Абдурраҳмони Ҷомӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант қайд кардааст, ки дар гӯйишҳои ҳозираи тоҷикӣ вожаҳои бостоние маҳфуз мондаанд, ки имрӯз бо дигаргунии маъноӣ кор фармуда мешаванд.

Фасли дуюми боби дуюм – «Аносири луғавии мансуб ба ҷонишин» ном дошта, ба қавли диссертант, ҷонишинҳои дар «Нафаҳот-ул-унс» дучоройнда ва муқоисаву муқобалаи онҳо ба шеваҳои муосир шаҳодат медиҳад, ки ҳиссае аз чунин вожагон имрӯз хоси услуби бадеӣ набуда, дар гӯйишҳои алоҳидаи тоҷикӣ бо ҳамон шакли куҳанашон дар гардиш қарор доранд. Яке аз калимаҳои дар фасл баррасишуда аст.

Фасли сеюми боби дуюм – «Аносири луғавии мансуб ба феъл», феълҳои *бихӯрдан, боистан, озмудан, ёзидан, даромадан, кашидан, пурсидан, истодан, баромадан, рафтан, сазидан, молидан, тофтан* ва ғайра дар ин фасл баррасӣ гардида, нақши бориз доштани лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои имрӯзаи ҷанубӣ дар ҳифзи силсилаи калони калимаҳои мансуб ба феъл таъкид шудааст.

Зерфасли сеюми боби дуюм – «Феълҳои таркибии номӣ» ба таҳлили муқоисавӣ-таърихии феълҳои таркибии номии *кадхудо шудан, даст гирифтан, тела кардан, рост кардан, хоб шудан* ва ғайра бахшида шудааст.

«Аносири луғавии мансуб ба зарф», ба монанди *чошт, нав, фардо, бехост* ва ғайра дар фасли чорум мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**«Вижагиҳои калимаҳои «Нафаҳот-ул-унс» дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ»** унвони боби сеюми диссертатсия буда, дар ҳудуди чаҳор фаслу чаҳор зерфасл таваҷҷуҳи соҳибрисола ба таҳлили муқоисавӣ-таърихии вомвожаҳои асар мавриди таҳлил бакоррафта бо лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ равона шудааст. Дар фасли аввал – «Матолиби муқаддамотӣ», масъалаҳои вуруди вомвожаҳо ба таркиби луғавӣ, тадқиқи чунин калимаҳо дар забоншиносии тоҷик, дараҷаи омӯзиши калимаҳои иқтибосӣ дар доираи маводи гӯйишҳои муосири тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли дуюми боби сеюм ба таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии калимаҳои арабии дар «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ дучоргоянда бахшида шуда, дар зерфаслҳои фасли мазкур вижагиҳои маҳфузмонии аносири луғавии мансуб ба исм (*ҳавос, футур, улфат, тамаъ, волида, арбада, аврат, салот, заифа, ғурбат, суффа* ва ғайра), сифат (*мазбут, ҳонис*) ва зарф (*ҳолӣ* ва ғайра) дар лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли сеюми боби сеюм – «Аносири луғавии арабӣ – ҷузъи феълҳои таркибии номӣ» ном дошта, дар зерфаслҳои он ташаккулёбии феълҳои таркибии номӣ ба ҷузъҳои ёвар мавриди муқоиса қарор гирифтаанд: 1) феъли таркибии номӣ бо феъли *кардан* (*биҳил кардан, сиёсат кардан, тамаъ кардан, таманно кардан, хилват кардан, ҷаҳд кардан*) ва 2) феъли таркибии номӣ бо феълҳои *шудан* ва *гуфтан* (*осӣ шудан, холӣ шудан, хорӣ гуфтан*).

Дар фасли чоруми боби сеюм – «Муқоисаи калимаҳои иқтибосии забонҳои дигар», аносири луғавии мансуб ба забонҳои портӣ ва туркии дар тазкираи мавриди таҳқиқ бакоррафта бо лаҳҷаи Мастчоҳу гӯйишҳои мардуми Тоҷикистон мавриди муқоиса қарор гирифтаанд, ки яке аз онҳо *чала* аст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Сафарзода Муллоохун ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати тахассусии илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб – Сафарзода Муллоохун ба ихтисоси илмии дархостшаванда – 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқ мебошад. Илова бар ин, диссертант қобилияти баланди илмӣ дошта, навиштаҳои илмии ӯ ба самти забоншиносӣ мувофиқат мекунанд.

**Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад**, ки муҳаққиқ маводди фаровони фактологиро аз асари мавриди пажуҳиш

ҷамъоварӣ намуда, бо истифодаи методи муқоисавӣ-таърихӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон, як силсила калимоти ҷамъ-овардаашро бо такя ба маводди сарчашмаҳои луғавии тафсирию этимологӣ ба риштаи таҳлил кашида, шаклҳои гузаштаву муосири онҳоро ошкор намудааст.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия**. Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафи корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар феҳристи осори таҳқиқӣ сарчашмаҳои илмии ба мавзуъ рабт надошта нишон дода шудаанд, ки ин ҳолат то андозае хилофи муқаррароти кори илмӣ аст.

2. Ҳангоми зикри иқтибос аз сарчашмаҳои илмӣ матни айнан нақлшуда ғалат оварда шудааст (саҳ. 58).

3. Дар диссертатсия ҳангоми таҳқиқи иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс» бо гӯйишҳо бештар ба мисолҳои ҷудогона такя шудааст. Муқоисаи мунтазам ва васеъ бо дигар асарҳои ҳамзамони Ҷомӣ ва ё дигар манбаъҳои дастурии классикӣ, ки шева ва гӯйишҳоро дар бар мегиранд, дида намешавад.

4. Дар диссертатсия баъзе аз бахшҳо аз ҳад зиёд васеъ ва баъзе дигар кӯтоҳанд, ки ин метавонад ба дарки умумии мавзуъ халал расонад. Аз ҷумла, бахши ҷанубии гӯйишҳо нисбат ба Мастчоҳ таҳлили камтар дорад.

5. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 117), техникӣ ва ҷо-ҷо услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онро зарур мешуморем.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ гардида, ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқarrargardida барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Хулоса, диссертатсияи Сафарзода Муллоохун Бурҳонӣ дар мавзуи «Иртиботи забони «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо гӯйишҳои муосири тоҷикӣ (лаҳҷаи Мастчоҳ ва гӯйишҳои ҷанубӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Усмонова Мунаввара Холиқовна омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 17 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 17 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №1/4, аз 29.08.2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, достсент,
мудири кафедраи назария ва амалияи
забоншиносӣ — Сафарова Гулчеҳра Файзовна

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ — Усмонова Мунаввара Холиқовна

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи назария
ва амалияи забоншиносӣ — Гуломалиева Рузафзун Қувватбековна

Имзоҳои Г. Ф. Сафарова, М. Х. Усмонова ва Р. Г. Қувватбековнаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
**Телефон:** (+992) 37 232 50 00
**E-mail: сомонаи расмӣ**: www.dbz.tj
«_1_» сентябри соли 2025